**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

Дар бораи натиҷаҳои санҷиши шикояти гурӯҳи собиқадорони соҳаи тандурустӣ доир ба камбудиҳо дар ташкили ҳифзи сиҳати аҳолӣ

Натиҷаҳои санҷиши шикояти гурӯҳи собиқадорони соҳаи тандурустиро доир ба камбудиҳо дар ташкили ҳифзи сиҳати аҳолӣ баррасӣ намуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вайронкунии ҷиддӣ ва камбудиҳоро, ки аз ҷониби роҳбарони Вазорати тандурустӣ дар кори истифодаи захираҳои давлатии доруҳо ва маводи тиббӣ, маблағҳои буҷетӣ, қарзҳо ва кӯмакҳои башардӯстона, сохтмони корхонаи муштараки дорусозии "Тофик Аҷанта фарма лимитед" роҳ дода шудаанд, қайд менамояд. Ба фаъолияти беморхонаҳо ва поликлиникаҳо, корҳои табобатию профилактикии бунгоҳҳои тиббӣ, таъмини муассисаҳои тиббӣ бо лавозимоти рахти хоб ва дигар таҷҳизоту маводи зарурӣ назорати ҷиддӣ вуҷуд надорад, ислоҳоти соҳаи тандурустӣ суст анҷом дода мешавад, кори интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда заиф аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Лоиҳаи қарор дар бораи ба Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадов А.А. барои камбудиҳо дар роҳбарӣ ва ташкили кори соҳа эълон намудани танбеҳ ба баррасии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

2. Вазири тандурустӣ Аҳмадов А.А. дар мӯҳлати се моҳ:

- барои бартараф намудани камбудиҳои нишондодашуда тадбирҳо андешад;

- масъалаи ба иҷрои вазифаҳои худ бе масъулият муносибат кардани сардорону роҳбарони бастҳои Вазорати тандурустиро мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, қонунҳои амалкунанда ҳаллу фасл намояд;

- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фаъолият ва таҳкими роҳбарии Иттиҳодияи истеҳсолии ҷумҳуриявии "Тоҷикфармация", Кумитаи "Тоҷикфарминдустрия"- и назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон,"Маркази давлатии илмии экспертиза, сертификацияи маҳсулоти фармацевтӣ, техникаи тиббӣ, таҷҳизоти таъиноти тиббӣ ва санитарию гигиенӣ, маҳсулоти истеъмолии табобатию профилактикӣ ва косметикӣ, беҳтар намудани таъмини аҳолӣ бо доруворӣ таклиф пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон                Э.Раҳмонов

аз 30 декабри соли 1998 № 544

ш. Душанбе